# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна таҳти унвони “ Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳлилу баррасӣ намудани масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ яке аз самтҳои муҳимму доманадор маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои мондагор ба пажуҳиши ин самтҳо пайваста сайъу талош намоянд. Дар ин раванд дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ба яке аз самтҳои муҳиму душвори забон бахшида шуда, интихоби мавзӯъ актуалию саривақтист. Диссертант бори нахуст таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои тадқиқотӣ дар забоншиносии когнитивӣ ду консепти зидмаъно “**бойигарӣ**” ва “**қашшоқӣ**”- ро ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мавриди баҳс қарор додааст.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима унвонҷӯ оиди мубрамӣ ва зарурати баргузории тадқиқоти зерин дар забоншиносӣ, дар мавзӯи таҳлили умумии илми когнитивӣ ва забоншиносии когнитивӣ маълумот додааст ва инчунин доир ба арзиши назариявию амалӣ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот,

навовариҳои илмӣ, сарчашмаву методологияи кор ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя манзуршаванда мулоҳиза рондааст.

Диссертант дар бобҳои рисола ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, роҳҳои дифференсиалии муайян кардани консепт, мавзуҳои моҳияти тасвири олам, ташаккул ва инкишофи забоншиносии когнитивии муосири тоҷик ва хориҷиро баррасӣ намуда, оиди мувофиқати номҳои консептҳо дар ҷанбаи лингвофарҳангӣ, идиомаҳо ҳамчун соҳибони консептҳои таҳқиқшаванда, паремиологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сохторҳои когнитивие, ки аз онҳо консептҳои фразеологияшуда асос мегиранд, мулоҳизаронӣ намуда зери таҳқиқ қарор додааст.

Фишурдаи кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври мухтасар инъикос менамоянд.

Хулосаҳои фишурдаи рисола бозгӯи мулоҳизоту назароти дақиқу амиқи муҳаққиқ буда, аз анҷоми пажӯҳиши тоза дар забоншиносии имрӯзи тоҷик дарак медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд, ки муҳтавои таҳқиқоти мазкурро пурра инъикос менамояд.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудию норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад буд:

1. Баъзе иштибоҳоти имлоӣ, аломатгузорӣ ва техникие, ки дар матни рисола ба чашм расиданд ба осонӣ ислоҳшавандаанд ва аҳамияти илмии онро кам намекунанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста

намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Холматова Хуршеда Айюбҷоновна таҳти унвони “ **Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз: доктори илми филология,**
**дотсенти кафедраи забон ва адабиёти**
**руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав** **Юсупова Зарина Розиқовна**

**Почтаи электронӣ: zarina1966@lisn.ru**
**Телефон: (+992) 777 17 75 24**

**Имзои Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ ДДБ ба номи**
**Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**« 29 » ноябри соли 2023**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ 67,**
**тел: (8-32-22) 2-54-81, (8-32-22) 2-22-53**